**ТАҚРИЗ**

**ба диссерстатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзӯи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Зоҳири Тоҷидин 15-уми апрели соли 1990 таваллуд шудааст. Соли 2012 бо натиҷаҳои хуби илмию таълимӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм карда, соли 2013 ба шӯъбаи аспирантураи худи ҳамин донишгоҳ дохил шудааст. Ҳангоми таҳсил дар аспирантура тадқиқоти илмии худро дар мавзӯи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» шӯруъ кард. Дар ин муддат имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои фалсафаи илм ва забони англисӣ бо баҳои хуб супоридааст. Зоҳири Тоҷидин ҳангоми таҳсил дар аспирантура худро ба сифати муҳаққиқи навқадами боғайрат, ташаббускор ва санҷидакор нишон дода тавонист. Яъне раванди таълимро вобаста ба талаботҳо бо сатҳу сифати аъло гузаронид, имтиҳонҳои номзадиро дар вақти муайяншуда супорид, дар чорабиниҳои илмӣ ва маҷлисҳои дохилидонишгоҳӣ бо масъулияти баланд иштирок менамуд.

Зоҳири Тоҷидин дар тули ҳамин солҳо ҷиҳати татбиқи лоиҳаи тадқиқотӣ оид ба муайян намудани сатҳи маълумотнокии соҳибкорон ва субъектҳои хоҷагидори шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба бартариятҳои лоиҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ, фаъолона иштирок намудааст. Натиҷаҳои пурсишро дар анҷомдиҳии диссертатсияи худ истифода намудааст.

Зоҳири Тоҷидин, соли 2016 дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент ба қор қабул шуда, то имрӯз дар ин кафедра фаъолияти меҳнатӣ дорад.

Мавзӯи диссертатсия дар алоқамандӣ бо имкониятҳои илмию эҷодӣ ва дараҷаи ҳавасмандии фикронии Зоҳири Тоҷидин мувофиқ интихоб шудааст. Аз ин ҷост, ки Ӯ тавонистааст дар гузориш ва натиҷагирӣ аз мақсад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ мувафақ шавад.

Диссертатсия дар мавзӯи мубрам «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ

(дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» анҷом дода шуда, унвонҷу кӯшиш намудааст, ки талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро (КОА) риоя кунад.

Дар ниҳояти татбиқи ҳавасмандонаи фаъолияти илмию татдқиқотӣ имконияти расидан ба мақсад ва ҳали вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташуда ба унвонҷу муясар гардидааст. Ғайр аз натиҷаҳои илмии дар диссертатсия мавҷудбуда, унвонҷу инчунин дар як қатор конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намуда, афзалиятҳои масъалаи интихобнамудаи худро муаррифӣ кардааст. Инчунин Зоҳири Тоҷидин вобаста ба мавзӯи интихобнамудаи худ 6-мақоларо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА эътирофшуда ба нашр расонидааст.

Унвонҷӯ, дар ҷараёни пешбурди фаъолияти илмию тадқиқотӣ худро мутахассиси таҳлилгар, дороии малакаи баланди касбии ва ҳалкунандаи мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ нишон дода, ҷиҳати соҳиб шудан ба унвони номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор аст.

Диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзӯъи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» бо шиносномаи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад ва муалифи он сазовори дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисос мебошад.

**Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент** **Солеҳзода А.А.**

Имзои / подпись Солеҳзода А.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо/подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

13.09.2024